*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 назди*
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 731025,*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш.Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 17*

**Тақриз**

**ба диссертатсияи Абдуллоев Абдусалом Абосиевич дар мавзуи**
**“Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ”**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси**
**09.00.03. – Таърихи фалсафа**

Диссертатсия дар мавзуи “Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ” бо шиносномаи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа мувофиқат мекунад ва яке аз мавзуъҳои муҳим дар таърихи фалсафа ба ҳисоб меравад.

**Мубрамияти мавзуи рисола.** Баррасии амиқ ва ҳамаҷонибаи зуҳуроти гуногунпаҳлуи ҳаёти имрӯзаи ҷомеа, арзишҳои ахлоқӣ ва зебоишиносии инсонро зери шакку шубҳа қарор дода, имрӯз ба ҷавҳари ҳастии инсон, камолоти ахлоқӣ таҳдид мекунад. Дар як фосилаи нисбатан кутоҳи таърихӣ масоили умдаи мутааллиқ ба арзишҳои ахлоқӣ, робитаи байниякдигарии одамон, заволи арзишҳои оила ва тарбияи фарзанд ва ғ., хулоса тамоми соҳаҳои ҳаёти инсониро фаро гирифтаанд. Ба назар чунин мерасад, ки тамоми арзишҳои ахлоқӣ ба бадахлоқӣ, дӯстиву мурувват ба адовату душманӣ, ахлоқи накӯ бо ахлоқи бад, оилаи собиту устувор ба оилаи заифу ноустувор ва ғ. табдил ёфтаанд. Ахлоқ дар ҳама марҳалаҳои таърихии инсон воситаи тақвият ёфтани пояҳои оила, ҷомеа ва равобит ва муносибатҳои байни одамон нақши муҳим бозидаасту ҳоло ҳам ин вазифаи онро касе аз он нарабудааст. Аммо имрӯз гӯё ҳама ин унсурҳо ба ларза даромада, заволи комил ва начандон дури ахлоқии ҷомеаро пешгӯӣ мекунанд: ҳама унсурҳои узвии ҷомеа дар ҳоли тағйирёбӣ, ивазшавандагӣ, ноустуворӣ, рӯ ба завол овардани ниҳоди оила ва

тарбияи фарзандон, бештар сурат гирифтани тарғибу ташвиқи арзишҳои бегона, урфу анъана, одатҳои беҳтарини ахлоқӣ, косташавии меҳру муҳаббат, шаҳватпарастӣ, майзадагӣ ва ғ. мегардад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боби асосӣ ва шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, бо забони хуби илмӣ дар ҳаҷми 181 саҳ. пешниҳод гардидааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки дар кишвари мо чунин рисола бори аввал таҳия гардида, проблемаҳои вобаста ба таҳлили аксиологии масъалаи инсон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар муқаддима муаллиф аҳамияти мавзуи рисолаи диссертатсионӣ, сатҳи омӯзиши мавзуъ, ҳадафи таҳқиқ, объект, субъект, усулҳо, асосҳои назариявии таҳқиқ, нуктаҳои меҳварие, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, сохтор ва тавсифи умумии кори таҳқиқотиро равшану возеҳ баён намудааст.

Боби аввали рисола “Таҳлили таърихӣ – фалсафии арзишии инсон дар афкори фалсафии тоҷик” аз се зербоб - “Ҷанбаҳои онтологии арзишҳои инсонӣ ҳамчун масъалаи фалсафӣ”, “Заминаҳои ташаккули таълимот дар бораи арзишҳои инсонӣ дар мактабҳои фалсафии асримиёнагӣ” ва “Масъалаҳои арзишҳои инсонӣ дар афкори ахлоқии асримиёнагӣ ва ирфон” иборат буда, масоили зиёде аз назари муаллиф ҳаллу фасл гардидаанд.

Бояд таъкид кард, ки ҳанӯз омӯзиши аксиологии масъалаи инсон ниёз ба омӯзиши амиқтару бештар дорад, то ки нақш ва мақоми арзишҳои ахлоқӣ дар тамаддуни миллӣ ва ҷаҳонӣ, аз як ҷониб, ва аз ҷониби дигар, ҷойгоҳи волои онҳо дар таърихи илм ва фалсафа воқеъбинона муқаррар гардад. Умед аст, ки бори аввал матраҳ шудани ин масъала ва шарҳу тавзеҳи масоили арзишии ахлоқӣ аз ҷониби Абдуллоев А.А. тадқиқот ва рисолаҳои илмии дигарро ба дунбол хоҳад овард. Дар ин маврид таъкид бояд кард, ки рисолаи мазкур дар омӯзиши илмии

масъалаи арзишҳо ҷиҳати шинохти амиқтари ин масъала кӯмаки шоиста хоҳад кард ва дар худшиносии миллии мо мадади воқеии назарӣ ва амалӣ хоҳад расонид.

Яке аз самтҳои то ҳол тадқиқнашудаи фалсафаи арзишҳои инсон дар фалсафаи Мавлоно, ки нуқтаи баландтарини адабиёти ирфонии моро ташкил медиҳад, хулоса ва ҷамъбасти садсолаҳои рушд ва камолоти ирфони форсӣ мебошад, зеро ҳар як мутафаккир бо дастовардҳо ва комёбиҳои илму фалсафаи пешиниён, ҳамзамонони худ ва ахиран ба навовариҳои илмӣ ва фалсафии арзишҳои инсонӣ такя мекунад, ки омӯзиши илмии он дар осори мутафаккир дар шароити ҷаҳонишавӣ ва заволи ахлоқии инсон масъалаи саривақтӣ ва зарур аст.

Боби аввали рисола ҷанбаҳои онтологии арзишҳои инсониро ҳамчун масъалаи фалсафӣ дар афкор ва таълимоти мутафаккирони антиқа, асри миёна ва асри XIX мавриди таҳлил қарор дода, муаллиф дуруст қайд менамояд, ки таҳлили консепсияҳои муҳимми аксиологӣ ду гуруҳи масъалаҳоро муайян мекунад: дохилӣ (ки ба таҳияи консептуалии категорияҳо, робитаи дохилӣ ва асосноккунии онҳо алоқаманд мебошад) ва роҳҳои ҳаллу фасли онҳо (бо мусоидати метод ва афзорҳои аксиологӣ дар фалсафа). Ин ду гуруҳи масъалаҳоро наметавон аз ҳам гусаста шарҳу тавзеҳ дод. Сухан сари он меравад, ки моҳияти арзишҳо ва робитаи онҳо бо инсон, ки дар воқеъ, ҳам офаридгори онҳо ва ҳам истифодабарандаи онҳо мебошад, аз ҳам ҷудонопазиранд.

Зербоби боби аввал (аз с. 17 то 39) мавзуи заминаҳои ташаккули таълимот дар бораи арзишҳои инсонӣ дар мактабҳои Шарқи асримиёнагиро фаро гирифтааст, ки аз оғоз аз то давраи таълимоти тоисломӣ дар шакли муҷаз тавзеҳ менамояд. Арзиш ҳамчун мафҳуми фалсафӣ, дар андешаҳои Суқрот таҳлил гардида, некиро на ҳамчун хислат, балки ҳамчун "чизи муфид" шарҳ додааст. Афлотун онро ба маънои зебоӣ ва некӣ шарҳ додааст. Баъдан муаллиф қайд мекунад, ки

арзишшиносӣ аз оғози илми инсоншиносӣ, яъне аз давраи асотир ва асотиршиносӣ оғоз ёфта, масъалаи инсон ва арзишҳои мавҷудияти ӯ дар афкори тофалсафии Ҳинд, Миср ва Чин, дар сарҳади беш аз якуним аср то пайдо шудани масеҳият гузошта шудааст.

Муаллиф қадимтарин арзишҳо - "номгузории инсон", "эҳтироми ҳикмат", хайр ва шар, эътидол, накӯкорӣ, ғамхорӣ, сипосгузорӣ барои неъматҳо, арзишҳои ахлоқӣ ва маънавӣ, андарзгарой, ҷашни Наврӯз, тозагию нафосат, зангирӣ, тарбияи авлод, шудгор ва кишти замин, парваридани ҳайвонот, таҷлили ҷашнҳо, ёди руҳи рафтагон, парҳезкорӣ, садақа, истифода аз ақл, ҷавонмардию олиҳимматӣ ва даҳҳо фазоили дигарро ёдоварӣ карда, сарчашмаҳои зардуштиро шарҳу баён намудааст.

Муаллиф ба низоми арзишҳои давраи эллинӣ таваҷҷуҳ намуда, қайд мекунад, ки шояд таълимот дар бораи зиддиятҳо ва адолати кайҳонӣ зери таъсири равандҳои иҷтимоии ҷомеаи юнонӣ пайдо шуда бошанд. Афкори тоҷикӣ-форсӣ бо таъсири кайҳоншиносии Юнони бостон ва онтология сурат мегирад.

Фарҳанги тавҳидии исломӣ низ дар заминаи бои анъанаи фарҳангӣ сурат гирифта, ин анъанаҳо зери таъсири арзишҳои нав тағйир ёфтаанд ва тоҷикон бо қобилияти ҳунармандона навовариҳои муфид, на куркурона, балки ҷуставу интихоб намуда, нисбати онҳо эҷодкорона муносибат намуданд.

Муаллифи рисола хулосатан қайд мекунад, ки мактабҳои фалсафии Шарқ, оғоз аз аҳди бостон масъалаи инсонро ба доираи фарҳангу тамаддунҳо ворид карданд, ки масъалаи мазкур то замони мо расидааст. Инсон дар зеҳнияти асримиёнагӣ маркази олам, маъно ва мақсади ниҳонии он мебошад, ки бо ин фарҳанги асримиёнагӣ ҷиҳатҳои гуманистиро касб карда, таълимотро дар бораи инсоншиносӣ инкишоф медиҳад ва ба масоили таълиму тарбия, ақлу хирадгарой, саъю талошҳои инсон ва ғ. таваҷҷуҳи хосса намудааст.

Муаллиф дар зербоби дуюм саъй кардааст, ки заминаҳои ташаккули

арзишшиносиро дар мактабҳои гуногуни Шарқ баррасӣ намояд ва гуфта метавон, ки ин зербоб хеле ҷаззобу дилкаш омода гардидааст. Таҳлили таърихии масъалаи арзишшиносӣ чунин андешаро ба миён мегузорад, ки одамият дар тули таърихи мавҷудияташ ба масъалаи арзишгузорӣ таваҷҷуҳи хоса доштааст ва арзишҳои имрӯзаи инсон давраҳо ва марҳалаҳои гуногуни инкишоф, шебу фарозҳои зиёдеро паси сар кардааст: аз задуштия, давраи антиқа, доду гирифти фарҳангии Эрону Юнон, аз замонҳои то мелод ва замони истилои арабҳо, асрҳои миёна ва то имрӯз муколамаи фарҳангии халқҳо идома доранд. Зербоби дуюм ба арзишҳои исломии арсимиёнагӣ бахшида шудааст, ки боиси ғанӣ гаштани ҳам фарҳангҳои миллӣ ва ҳам фарҳанги исломӣ гардид. Муаллиф, масоили зиёди антропологӣ ва арзишҳои динӣ, калом ва намояндагони машҳури он, ваҳй, тавҳид, ақоид ва усули дин, муколамаи фарҳангии арабу аҷам, асҳоби ҳаюло, тасаввуф ва мактабҳои гуногун ва намояндагони алоҳида ва машҳури онро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

Дар зербоби сеюм ташаккул ва такомули арзишшиносии антропологӣ, сарчашма ва роҳҳои такомули он муҳокима гардидаанд. Дар он гуфта мешавад, ки Инсон эҷодгари фарҳанг ва тамаддунҳост, ки дар худ тамоми раванди инкишофи таърихии ҷомеаи инсониро инъикос менамояд. Бунёди идеологии ахлоқ ва фарҳанги асримиёнагиро ислом ташкил медиҳад. Меъёрҳои он асоси арзишҳои асримиёнагӣ гашта, ба давраҳои баъдӣ гузашта, шакли миллӣ ва универсалиро гирифтанд. Муаллифи рисола онро ба рушду такомули арзишшиносии антропологӣ бахшида, таълимотро дар бораи инсон, моҳияти таълиму тарбия, хирадсолорӣ, масоили фазоил ва разоили ахлоқиро то ба сатҳи пойдевори таълимоти ахлоқӣ бар асоси таълимоти ахлоқи исломӣ коркард ва пешниҳод намудааст. Моҳияти фарҳанги исломӣ ба як қатор муқаррароти муҳимми принсипиалӣ дар бораи инсон ҳамчун мавҷуди баргузида, ки худованд ҳадафнок, бо унвони муҳаббат ӯро офаридааст,

бунёд ёфтааст. Дар ислом ҳаёти инсон ба ду давра тақсим мешавад: заминӣ – фиребандаю муваққатӣ ва осмонӣ – абадию ҳақиқӣ. Фарҳанги исломӣ баробарии мусулмононро дар пеши Аллоҳ таъкид намуда, ҳар муъмин ба ҳукми одилона ва наҷот умед дорад. Дар ин эътиқод идеяи қазову қадар – асос ёфтааст. Фалсафаи асримиёнагии тоҷик ва мусулмонӣ ба модели афкори юнонӣ майл дошта ба ҳаёти заминӣ нигаронида шуда, бо инкишофи илмии соҳаҳои дониш дар самти омӯзиши табиат, ҳайвон, инсон, минералҳо, обу ҳаво, баҳру укёнусҳо, куҳҳо, ҷирмҳои осмонӣ ва ғ. алоқаманд буд.

Боби дуввуми рисола “Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддини Балхӣ” аз зербобҳои “Арзишҳои онтологии таносуби қудсӣ (осмонӣ, худомеҳварӣ) ва заминӣ дар антропологияи Мавлоно”, “Аксиологияи инсон ҳамчун субъект ва объекти маърифат дар таълимоти Мавлоно” ва “Инсон ҳамчун объекти этикӣ-эстетикӣ дар андешаҳои Мавлоно” иборат аст. Метавон даъво кард, ки муаллифи рисола, яке аз аввалин муҳаққиқонест, ки масъалаи арзишҳои онтологии таносуби қудсӣ ва заминӣ дар таълимоти антропологӣ, аксиологияи инсон ҳамчун субъект ва объекти маърифат, инсон ҳамчун объекти этикӣ-эстетикӣ дар андешаҳои Мавлоноро ҳамчун мавзуи мустақили таҳқиқи илмӣ қарор додааст.

Инсон, ба андешаи муаллиф, дар осори Мавлоно меҳвари тамоми махлуқот гузошта шуда, сайри ӯро дар камолоти маънавӣ тараннум мекунад. Аз нигоҳи антропоаксиологӣ, назарияи динии монизми мутлақи Румӣ (эътирофи мавҷудияти ҷавҳари худовандӣ) синтези таълимоти ортодоксалии мусулмонӣ ва ирфонии тасаввуф аст. Назарияи калидии Мавлоно - “воҳидияти Худованд ва ҳастӣ, ягонагии олам”, “зуҳури ҳақ дар олам”, “инсони комил” ва “худошиносии оинагун” мебошанд, ки дар таҳия ва интишори арзишҳои нав таъсиргузор будаанд. Назари аксиологии мутафаккир дар асоси равияҳои доир ба олами кабиру олами сағир ташаккул ёфта (с. 92), инсон ҳар замон ба сӯи асли хеш ҳаракат

дорад, таҳаввули он чунин аст, ки ҳолатҳои ҷамодӣ, наботиву ҳайвониро аз сар гузаронида, дар охир шакли инсониро гирифтааст (с. 96), дар ин раванд ишқ мақоми баланд дошта, сабабу натиҷаи халқи инсон ва муҳаррики ҳама ҳаракатҳои ашёи ҳастӣ ва табаддулоти ҳастӣ мебошад. Маҳз инсон аст, ки мақоми баланди худро дар олам дарк карда, асли худро мешиносад ва пайваста ба худшиносӣ моил мебошад. Ӯ барои дарёфтани куллияти хеш равона буда, бояд ба ҷузъи қудсии худ муттаҳид гардад. Дар ин раванд фарқи байни "ман" ва "ту" аз байн рафта, якӣ боқӣ монда, пардаю ҳиҷобҳо бармехезанд.

Арзишҳои маънавӣ хусусияти ирфонӣ-фалсафӣ дошта, ҷиҳати хоси он арзишҳои динӣ будани он аст, ки бар аҳкоми исломӣ бунёд ёфта, арзишҳои асосии ахлоқи динӣ мебошанд. Ӯ шарти муҳимми инсон буданро дар эътиқод ба Худо ифода карда, узлатнишинӣ, дур шудан ва таассубу тундгароиро қабул надорад. Танҳо касе комил мебошад, ки шаклу мундариҷаи мувофиқу мутаносиб дошта бошад, яъне мувофиқати зоҳиру ботин ҳатман бояд ба даст оварда шавад (с. 110-111.).

Зербоби дуюм "Инсон ҳамчун субъект ва объекти маърифат дар аксиологияи Мавлоно" қайд шудааст, ки Мавлоно дар "Маснавӣ" идомадиҳандаи анъанаи Саноӣ ва Аттор, яке аз ташаккулдиҳандаи арзишҳо ва мафҳумҳои тасаввуф (с.113), аввалин суфие эътироф шудааст, ки мусиқӣ ва таронаро ба амалия ва назарияи тасаввуф ворид сохта аст (с.114). Арзиши аввал ва мутлақ барои Мавлоно Худованд аст ва муаллиф мафҳумҳои зиёди суфиёнаеро аз қабили нафс, дил, меъроҷ, улуҳият (худосифатӣ), ваҷд, сармастӣ аз муҳаббат, фано, бақо, воҷибулвуҷуд, ҳақиқати худовандӣ, макони зуҳури ҳақ, аналҳақ, олам макони зуҳури Худо, фақр, хирад, инсони оқил, меъроҷ, шукри неъмат ва ғ. шарҳу баён намуда, қайд мекунад, ки Мавлоно аз аввалин фидокорони таълимоти "ваҳдати вуҷуд" буда, онро пазируфта, назари шахсии худро ба он ворид кардааст. Ба андешаи ӯ, ин назар дар коркарди назарияи эътидолӣ,

“миёнаи тиллоӣ” ифода меёбад, ки дар он таълимоти аксиологӣ гносеологии Мавлавия асос ёфтааст.

Мавлоно назарияи мукаммал ва мулоҳизакоронаеро таҳия намуда, қадам ба қадам арзишҳоро аз мавқеи самараю муфидияти он ба инсон таҳқиқ мекунад. Ӯ арзишҳоро ба арзишҳои объективӣ ва субъективӣ ҷудо карда, ба хулоса меояд, ки инсон ягона мавҷуди оқил аст, ки бояд барои кор, сарнавишт ва кулли ҳастӣ масъулият дошта бошад. Ҳастии олам вобаста ба он аст, ки то кадом ҳад ҳар инсон зиндагии заминиашро паси сар мекунад (с.137).

Зербоби сеюми диссертатсия ба масъалаи инсон ҳамчун объекти этикӣ-эстетикӣ дар андешаи Мавлоно бахшида шудааст (с.137 то 160). Дар он муаллиф қайд мекунад, ки таваҷҷуҳи Мавлоно ҳам ба инсони оддӣ ва ҳам инсони интихобкардаи сайри камолот равона гардидааст. Дар мушоҳидаҳои Мавлоно инсонҳои гуногуну мутаззод ба чашм мерасанд: аз инсони худбину худпараст, то ҳадди орифи нафосатсухан, ки ҳувияти хештанро гум карда, руҳашро ба мақоми Худованд ҷӯр сохтааст. Арзиши таълимоти ахлоқии ӯро ба ҳамин маъно метавон ба этикаи дунявӣ, ҳамзамон, ба этикаи динӣ, универсалӣ ва этикаи баргузидаи нухбагон мансуб донист.

Ахлоқшиносии Мавлоно ба идеяи муқобилатпазирӣ ба таҷовузу зӯрӣ ва таҳаммулпазирӣ ба ҳама рӯйдоди олам бунёд ёфтааст. Ба андешаи муаллиф, инсон – мафҳуми универсалӣ буда, ба он хотир офарида шудааст, ки маънавиёти худро барои маърифати хештан такмил бахшад, дар худ сифатҳои худовандиеро, ки дар қишрҳои амиқи ҳувияти ӯ Худо ҷойгир намудааст, ифшо намояд (с. 138). Болоравии тадриҷии маънавиро Мавлоно ба зинае монанд мекунад, ки ҳар зинаи болотар  тавлиди нави солик мебошад. Роҳҳои гуногуни маърифати Худоро таъкид карда, гурез аз душманӣ, низоъ ва ихтилофҳоро гаштаю баргашта таъкид мекунад.

Ҳамин тавр, диссертант категорияҳои ахлоқии зиёде: муҳаббат, хайр, адолат, бадӣ, накӯкорӣ, масъулиятшиносӣ, фазоили ахлоқӣ, нақши

маориф ва мактаб, хулқи шоиста, вафодорӣ, хоксорӣ, саховатмандӣ, бухл, тамаъҷӯӣ, ҷоҳталабӣ, ришваситонӣ, бевиҷдонӣ ва ғ.-ро дар осори Мавлоно шарҳу баён намудааст.

Диссертант зебоию нафосатро дар тасаввуф аз се зина иборат медонад: зебоии абадию мутлақи Худо, ки моҳият ва бунёди ҳама чиз аст; олам, ки дар он зебоии Худо зоҳир гаштааст ва зебоии инсон ва фаъолияти маънавию моддии ӯ. Ба андешаи ӯ, дар фаҳмиши суфӣ зебоӣ янгонагии олам ва ҳаракати мувофиқи он аст, аммо зиштӣ халалдор сохтани ин ягонагӣ ва ҳамоҳангӣ аст. Мавлоно зебоию нафосатро иборат аз зебоӣ, камолот, низом, покизагӣ (назофат), шаҳомат, нур ва ғ. дониста, онҳоро бо андешаҳои онтологӣ ва гносеологӣ, маърифати ирфонӣ, камолоти маънавӣ омезиш медиҳад.

**Дарачаи навгониҳои таҳқиқот, гузориш ва ҳаллу фасли проблемаҳои бо мавзуи рисолаи диссертатсионӣ** алоқаманд нишон медиҳанд, ки муаллиф адабиёти то имрӯз дар ин самт мавҷудбударо ҷиддан таҳлил намудааст. Натоиҷи ба дастовардаи диссертант метавонанд дар оянда таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳаҳои зиёдро ҷалб намоянд. Тамоми зербобҳои бобҳои аввал ва дуюм далели онанд, ки муаллиф таҷрибаи хуби кори илмӣ пайдо карда, дар ҳаллу фасли проблемаҳои баррасишаванда дорои мавқеи равшани танқидӣ мебошад.

**Нашри натичаҳои диссертатсия дар мачаллаҳои такризшаванда.**

Мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллифи диссертатсия дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷмуаҳо нуктаҳои марказии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Диссертатсияи Абдуллоев Абдусалом Абосиевич дар мавзуи “Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ” аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии бадастоварда ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Рисола дар сатҳи зарурӣ таҳрир ёфта, иқтибосҳои сершумори сарчашмаҳо ва адабиёти таҳқиқотӣ далели онанд, ки муаллиф барои таҳияи рисола омодагии хуб дида, аз мавқеи манфиатҳои илмӣ проблемаҳои рисолаи илмиашро ҳаллу фасл намудааст. Хидмати асосии диссертант дар он аст, ки ӯ бори аввал масоили бо арзишшиносӣ алоқамандро дар кишвар ба миён гузошта, андешаҳои худро тарҳрезӣ карда, онҳоро бо далелу бурҳон собит сохтааст.

Забони тоҷикии рисола мақбулу дилписанд, соддаву фаҳмо буда, дорои арзиши муайяни илмӣ мебошад. Бо вуҷуди дилкашу ҷаззоб будани мавзуи мавриди таҳқиқ дар диссертатсия як қатор хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ возеҳан ба чашм мерасанд, ки ҳусни онро то андозае коста мегардонанд. Масалан:

1. Дар рисола баъзан андешаҳое ба назар мерасанд, ки тавзеҳоти иловагиро тақозо менамоянд.

2. Муҳаққиқ асосан бо китобу рисолаҳои муҳаққиқони русзабон иқтибосҳо оварда, танҳо бо андешаҳои онҳо маҳдуд шудааст, дар ҳоле, ки ин масоил дар назди муҳаққиқони шарқӣ, махсусан эрониён амиқтар мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Ҳадди ақал муаллиф бояд дар сатҳи омӯзиши мавзуъ донишмандони эрониро, ки мустақиман ба ин масъала сару кор гирифтаанд, ёдовар мешуд.

3. Рӯйхати адабиёт таҳрирталаб буда, номгӯи мақолаҳо ва андешаҳои муҳаққиқони эронӣ ва ба хусус мавлавишиносон камтар ба чашм мерасанд.

**Хулосаҳои муаллиф асоснок ва бо сифати хуб анҷом ёфта, масъалаҳои мавриди баррасӣ ҳаллу фасли худро пайдо намудаанд. Муҳтавои автореферат бо муҳтавои тадқиқоти диссертатсионӣ комилан мувофиқат менамояд.** Хулосаҳои ба дастовардаи муҳаққиқ нишондиҳандаи онанд, ки онҳо асоснок ва қобили эътимод мебошанд. Тадқиқоти мазкур на танҳо барои донишҷӯёни факултетҳои гуманитарӣ ва махсусан фалсафа, балки барои аспирантону магистрҳои фалсафа дорои арзиши баланди илмӣ

мебошад. Итминони комил дорам, ки нашри рисолаи Абдуллоев А.А. мақбулу писанди ҳаводорон ва завқмандони таърихи афкори фалсафии мутафаккирони Шарқ хоҳад шуд.

Дар асоси далелҳои боло, метавон собит намуд, ки диссертатсияи Абдуллоев Абдусалом Абосиевич дар мавзуи «Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03. – Таърихи фалсафа амали мустақилона ва ба интиҳо расидаи илмӣ буда, ба талабот ва шартҳои рисолаҳои илмӣ ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мебошад.

Профессори кафедраи диншиносии
факултети фалсафаи Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои фалсафа Зиёев И.Ғ.

Суроға: ш. Душанбе, хиёбони А.Рӯдакӣ, 22 ДМТ.
Тел. моб.: +(992) 935-91-00-04
Email: idibekziyoev@yahoo.com

Имзои доктори илмҳои фалсафа Зиёев И.Ғ.-ро тасдиқ мекунам

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

13-12-24